Тақризи мушовири илмӣ

доктори илмҳои филология, профессор Сафаров Умархоҷа Раҳимович ба докторанти давраи доктори фалсафа PhD Алсенан Абдулҳаким Фаҳад.

Алсенан Абдулҳаким Фаҳад (шаҳрванди Шоҳигарии Арабистони Саудӣ), соли 2015 ба докторантура ба ҳайси доктори фалсафа «PhD», доктор аз рӯи ихтисоси 6D020900 - "Шарқшиносӣ" дар кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо пазируфта шуд.

Диссертатсияи Алсенан Абдулҳаким Фаҳад ба мавзуи «Мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ (бар асоси романи Бузурги Алавӣ «Чашмҳояш»)» аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901 - Забони форсӣ) ихтисос дорад. Ӯ мутахассиси донишманд дар риштаи забоншиносии форсӣ маҳсуб мешавад. Номбурда пажӯҳишу таҳқиқро дар атрофи рисолаи илмияш пас аз интихоби мавзуъ ва таъйиди он дар ҷаласаи шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо (қарори №3 аз 02.12.2015) шуруъ намуд.

Алсенан Абдулҳаким Фаҳад дар баробари таҳқиқу пажӯҳиш зимни таҳсил дар давраи докторантура бо мақсади касби таҷрибаву малака дар корҳои таълимӣ барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ ба донишҷӯёни шуъбаи форсӣ ҷалб карда шуд. Дар амри тадрису омӯзонидан низ худро ҳамчун муаллими боистеъдоду бобасират нишон дод. Бояд гуфт, ки докторант Алсенан Абдулҳаким Фаҳад, перомуни илмҳои забоншиносии умумӣ, эроншиносӣ ва махсусан забони форсӣ донишу маълумоти фарох дорад.

Диссертатсияи номбурда тавре ки дар боло зикр гардид, ба таҳқиқи вижагиҳои мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ ихтисос дорад.

Ҳангоми тадвину таълифи диссертатсия муҳаққиқ собит сохт, ки дар ичрои умури таҳқиқӣ омодагии комил дошта ва мустақилона метавонад вазоифу аҳдофи масъалаҳои пешбинишударо таъйину амалӣ созад. Донишу огоҳии ӯ дар заминаи таълифоти илмӣ имконият медиҳад,

то ҳар масъали илмиро таҳлилу арзёбӣ намояд ва дар таҳаккуки масоили илмӣ аз равишҳои пазируфташудаи таҳқиқӣ баҳра бигирад. Мавсуф бо истифода аз шеваҳои навини таҳқиқӣ ба натичаҳои амики илмӣ расидааст, ки дар ҳақиқати онҳо шакку тардиде мавҷуд нест.

Натоичи пажӯҳишҳои Алсенан Абдулҳаким Фаҳад сариваktӣ дар нашрияҳои илмӣ ба чоп расида, ҳамзамон дар конференсияҳои илмии донишгоҳӣ пешниход гардидаанд.

Диссертатсияи мазкур ҳосили фаъолияти амалии тӯлонии мухаккик мебошад. Сатҳи баланду ҳаҷми кор имкон медиҳад ба Алсенан Абдулҳаким Фаҳад дарачаи илмии доктори фалсафа Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901 – Забони форсӣ) дода шавад.

Доктори илмҳои филология,
профессор Сафаров У. Р.

«16» 01 2022

Имзои Сафаров У. Р. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Тавқиев Э.